Протоколи №15-и
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-122-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 10-уми ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар

Раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №84/шд тасдиқгардида 15 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ба ҳимояи такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи **Шодиён Фархунда Тоҷиддин** дар мавзуи **«Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-этетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ).

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи коршиносон М.Т. Раҷабова ва аъзои комиссия Ш.З. Суфизода, Р.Қ. Раҳмонов оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳоднамудаи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар мавзуи «Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-этетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимояи такрорӣ қабул намудан мумкин аст (*хулосаи комиссияи коршиносон замима мегардад*).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи коршиносонро оид ба диссертатсияи Шодиён Фархунда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар мавзуи «Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-этетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Қаландариён Ҳоким Сафар** – доктори илмҳои филологӣ, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Юнусӣ Ахтамшоҳ** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Шарқи дури Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 17.12.2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҳмонзода А.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.